# ПРОТОКОЛИ №101
## ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-011-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

29 апрели соли 2026 ш. Душанбе

**Иштирок доштанд:** аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, иштирок доранд 16 нафар (як нафар ба тариқи маҷозӣ), аз онҳо 5 нафарашон докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд. Пешниҳод карда мешавад, ки ҷаласаи шуро кушода эълон шавад.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Ҳимояи диссертатсияи Шамсиддинзода Саъдӣ Абдуқосим дар мавзуи «*Доимиҳои аниқ дар нобаробарии намуди Ҷексон-Стечкин барои наздиккунии муштараки беҳтарини функсияҳо ва ҳосилаҳои пайдарпайи онҳо дар фазои* $L_2$» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз руйи ихтисоси 6D060100 – Математика (6D060102 – Таҳлили ҳақиқӣ, комплексӣ ва функсионалӣ).

**Роҳбари илмӣ:** доктори илмҳои физикаю математика, мудири кафедраи анализи математикии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, профессор Юсупов Г.А.

**Муқарризони расмӣ:**

1. **Исхоқов Сулаймон Абунасрович** – узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои физикаю математика, профессор, мудири шуъбаи назарияи функсияҳо ва таҳлили функсионалии Институти математикаи ба номи А.Ҷӯраеви АМИТ;
2. **Палавонов Қурбоназар Қурбонбекович** – номзади илмҳои физикаю математика, мудири кафедраи риёзиёт дар иқтисодиёти Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.
3. **Муассисаи тақриздиҳанда** – Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав».

Кӣ ба рӯзномаи ҷаласа тарафдор аст, хоҳишмандем овоз диҳед. Муқобил – нест. Бетараф – нест. Ҳама тарафдор мебошанд.

Сухан ба котиби илмии Шурои диссертатсионӣ Ғафоров А.Б. доир ба пешниҳод намудани маълумотномаи мухтасар дар бораи унвонҷӯ дода мешавад.

**Ғафоров А.Б.:** баромад мекунад.

**Раисикунанда:** Ба котиби илмии шурои диссертатсионӣ Ғафоров А.Б. доир ба ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда ва маълумотномаи мухтасар дар бораи

унвончӯ ягон савол ҳаст? Савол нест. Сухан ба диссертант оид ба муҳтавои асосии диссертатсия дода мешавад.

**Шамсиддинзода С.А.:** (баромад намуд).

**Раисикунанда:** Ба диссертант кӣ савол дорад? Марҳамат: Шамсудинов Ф., Нозимов А.Б., Сафаров Ҷ.С.

**Шамсиддинзода С.А.:** Ба саволҳо ҷавоб дод.

**Раисикунанда:** Сухан ба роҳбари илмии диссертант дода мешавад (тақриз замима мегардад).

**Раисикунанда:** Сухан ба котиби илмии шурои диссертатсионӣ Ғафоров А.Б. барои қироати хулосаи кафедра ва тақризи муассисаи тақриздиҳанда дода мешавад.

**Ғафоров А.Б.:** (қироат мекунад)

**Раисикунанда:** Барои ҷавоб додан ба эродҳои тақризи муассисаи пешбар ва тақризҳои воридгашта сухан ба диссертант дода мешавад.

**Шамсиддинзода С.А.:** (баромад мекунад).

**Раисикунанда:** Сухан ба муқарризи расмӣ **Исхоқов Сулаймон Абунасрович** – узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои физикаю математика, профессор, мудири шуъбаи назарияи функсияҳо ва таҳлили функсионалии Институти математикаи ба номи А.Ҷӯраеви АМИТ дода мешавад (тақриз замима мегардад).

**Раисикунанда:** Сухан ба диссертант барои ҷавоб додан ба эродҳои муқарризи расмии аввал дода мешавад.

**Шамсиддинзода С.А.:** (баромад мекунад).

**Раисикунанда:** Муқарризи расмии дуюм **Палавонов Қурбоназар Қурбонбекович** – номзади илмҳои физикаю математика, мудири кафедраи риёзиёт дар иқтисодиёти Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон дода мешавад (тақриз замима мегардад).

**Раисикунанда:** Ба мубоҳиса мегузарем. Кӣ хоҳиши иштирок намудан дар муҳокимаи диссертатсияро дорад. Марҳамат, Кабилов М.М., Одинаев Р.Н., Шабозов М.Ш., Сафаров Ҷ.С.

**Раисикунанда:** Кӣ боз хоҳиши баромад намудан дар муҳокимаи диссертатсияро дорад? Хоҳишманд нест. Ба диссертант сухани хотимавӣ дода мешавад.

**Шамсиддинзода С.А.:** (баромад мекунад).

**Раисикунанда:** Ҳамин тариқ, муҳокимаи диссертатсия анҷом меёбад. Ба расмиёти овоздиҳии пинҳонӣ мегузарем. Барои гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ интихоби комиссияи ҳисоб зарур аст.

Ба ҳайати комиссияи ҳисоб аъзои зерини шурои диссертатсионӣ интихоб шуданд: Одинаев Р.Н., Шамсудинов Ф.М., Каримов О.Х.

Дигар пешниҳод нест? Нест. Кӣ чунин ҳайати комиссияро тарафдор аст, хоҳиш менамоям, овоз диҳед. Муқобил, бетараф – нест. Ҳама тарафдор аст.

Аз ҳайати комиссияи ҳисоб хоҳиш карда мешавад, ки фаъолияти хешро оғоз намояд. (Овоздиҳии пинҳонӣ гузаронида мешавад).

**Раисикунанда:** Барои қироати натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ, сухан ба раиси комиссияи ҳисоб Одинаев Р.Н. дода мешавад (суратмаҷлиси комиссияи ҳисоб қироат карда мешавад).

**Раисикунанда:** Барои тасдиқи суратмаҷлиси комиссияи ҳисоб кӣ тарафдор аст, хоҳиш карда мешавад, ки овоз диҳед. Муқобил, бетараф – нест. Ҳама тарафдор.

Ба қабули матни хулоса оид ба диссертатсияи Шамсиддинзода С.А., ки ба аъзои шурои диссертатсионӣ тақсим карда шудааст, мегузарем. Аз ҷониби аъзои шурои диссертатсионӣ ягон эрод, пешниҳод ё илова ҷой дорад?

**Раисикунанда:** Кӣ ба хулосаи шурои диссертатсионӣ тарафдор аст, марҳамат овоз диҳад. Муқобил, бетараф – нест. Қарор бо як овоз қабул шуд. (Хулосаи шурои диссертатсионӣ замима мегардад).

**Раисикунанда:** Иҷозат диҳед, қарори шурои диссертатсиониро оид ба ҳимояи диссертатсияи Шамсиддинзода С.А. қироат намоям.

## ҚАРОРИ
## ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-011 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз 29.04.2026

ш. Душанбе

Шурои диссертатсионӣ диссертатсияи Шамсиддинзода Саъдӣ Абдуқосим дар мавзуи «*Доимиҳои аниқ дар нобаробарии намуди Ҷексон-Стечкин барои наздиккунии муштараки беҳтарини функсияҳо ва ҳосилаҳои пайдарпайи онҳо дар фазои $L_2$*» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз руйи ихтисоси 6D060100 – Математика (6D060102 – Таҳлили ҳақиқӣ, комплексӣ ва функсионалӣ) (роҳбари илмӣ – доктори илмҳои физикаю математика, профессор, Юсупов Г.А.), шунида ва муҳокима карда, тақризи муассисаи пешбар, баромади муқарризони расмӣ – узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои физикаю математика, профессор, мудири шуъбаи назарияи функсияҳо ва таҳлили функсионалии Институти математикаи ба номи А.Ҷӯраеви АМИТ Исхоқов Сулаймон Абунасрович; номзади илмҳои физикаю математика, мудири кафедраи риёзиёт дар иқтисодиёти Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон Палавонов Қурбоназар Қурбонбекович, баромади аъзоёни шурои диссертатсионӣ д.и.ф.м. Кабилов М.М., д.и.ф.м. Одинаев

Р.Н., д.и.ф.м. Сафаров Ҷ.С., академики АМИТ, д.и.ф.м., профессор Шабозов М.Ш., ки мутахассисони ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд, дар асоси натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулнамудаи шуро оид ба диссертатсияи Шамсиддинзода Саъдӣ Абдуқосим, инчунин дурустии навгониҳои илмӣ, аҳаммиятнокии хулосаҳои диссертатсия ва натиҷаи маводи чопиро шунидаю муҳокима намуда,

**ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи Шамсиддинзода Саъдӣ Абдуқосим дар мавзуи «*Доимиҳои аниқ дар нобаробарии намуди Ҷексон-Стечкин барои наздиккунии муштараки беҳтарини функсияҳо ва ҳосилаҳои пайдарпайи онҳо дар фазои $L_2$*» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз руйи ихтисоси 6D060100 – Математика: 6D060102 – Таҳлили ҳақиқӣ, комплексӣ ва функсионалӣ кори илмӣ-тадқиқотии баитмомрасидаи дорои навгониҳо ва натиҷаҳои назариявии илман асоснокшуда буда, ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, професор)» (қарори Ҳукумати ҶТ аз 30.06.2021, №267, дар таҳрири нави қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.06.2023, №295)-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки нисбат ба диссертатсияҳои доктори фалсафа (PhD) муқаррар шудааст, ҷавобгӯ мебошад.
2. Интишороти унвонҷӯ нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро дуруст инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳанд.
3. Ба Шамсиддинзода Саъдӣ Абдуқосим дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз руйи ихтисоси 6D060100 – Математика (6D060102 – Таҳлили ҳақиқӣ, комплексӣ ва функсионалӣ) дода шавад.
4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳиш карда мешавад, ки ба Шамсиддинзода Саъдӣ Абдуқосим дипломи доктори фалсафа (PhD), доктор аз руйи ихтисоси 6D060100 – Математика (6D060102 – Таҳлили ҳақиқӣ, комплексӣ ва функсионалӣ) дода шавад.

Раиси Шурои диссертатсионии
6D.КОА.011, академики АМИТ,
доктори илмҳои физикаю математика,
профессор — Илолов М.

Котиби илмии Шурои диссертатсионии
6D.КОА.011, номзади илмҳои физикаю
математика — Ғафоров А.Б.